# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадриддин барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар мавзуйи: “Таърихнигории таърихи водии Рашт» (давраи нав, навтарин ва муосир). Роҳбари илмӣ д.и.т., профессор Пирумшоев Ҳ. Душанбе, 2025. 101 саҳ.**

Рисолаи Мудабирзода З.Б. дар мавзӯи **Таърихнигории таърихи водии Рашт» (давраи нав, навтарин ва муосир)** ба таҳқиқу баррасии яке аз масъалаҳои мубрам ва мавзуъҳои рӯзмарраи илми таъриху таърихнигорӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъ, адабиёт ва асарҳои сершумори илмӣ мавзуро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додаст.

Дар ҳақиқат дар таърихи халқи тоҷик бисёр рӯйдоду воқеаҳое то ҳол вуҷуд доранд, ки аз нигоҳи илмӣ дар сатҳи лозимӣ ҳаллу баррасӣ нашудаанд. Аз ҷумла, водии Рашт дар илми таърих, хусусан дар таърихнигорӣ мавриди пажӯҳиши хоса қарор нагирифта, ба маврид мебошад, ки Мудабирзода З.Б. ба ин мавзуъ рӯ оварда, онро дар шакли лозимӣ омода кардааст.

Воқеан омӯхтани таърихи халқи тоҷик, ҳудудҳои таърихию ҷуғрофии он зарурати рӯзгор буда, чунин мавзуҳо дар тарбияи ватандӯстию ватандорӣ, инсондустӣ, ҷаҳоншиносӣ, худогоҳию худшиносии миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, ифтихори миллӣ, анъанаҳои неки аҷдодон барои баланд бардоштани сатҳи мадании аҳли ҷомеа нақши ниҳоят калон мебозад.

Дар автореферат аҳаммият ва моҳияти мавзуъ, сатҳу дараҷаи тадқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ, предмет ва объект, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот дуруст нишон дода шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти муаллифи диссертатсия аз он иборат аст, ки пажӯҳиши масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии минтақаи Раштро дар давраи наву навтарин дар таърихнигории ватанӣ бори аввал таҳқиқ намуда, ҳамчунин заҳмату корҳои илмии дигар муҳаққиқонро мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи асару нигоштаи олимон ва доираҳои илмии солҳои мухталиф маълумоти муфид додааст.

Мавриди зикр мебошад, ки Мудабирзода З. Б. дурустии инъикоси воқеаҳоро аз манбаҳои хаттӣ, сафарномаю қайдҳои саёҳон, аз адабиёти илмӣ ва асарҳои гуногун мушаххаскарда, мавқеи онҳоро муайян намуда, маълумоти нави дастраси алоқаманд ба таърихи Раштро ба доираҳои илмӣ ворид намудааст.

Дар автореферат се боби асосии диссертатсия ва зербобҳо дуруст ифода ёфтааст. Аз ҷумла, боби якум дар бораи инъикоси Рашт дар адабиёту нигошта ва маълумоти муаллифони маҳаллӣ ба мисли муаррихону котибон амсоли Маҳмуд ибни Валӣ, Хуҷамқулбеки Балхӣ, Мирзосалимбек, Муҳаммад Ҳакимхон, Ниёзмуҳаммад Қуқандӣ, Мирзо Олим Маҳмуд Ҳоҷӣ ва дигарон, асарҳои муҳаққиқони руси охири асри XIX ва ибтидои асри XX асосан аз муҳаққиқон А. Кун, В. Наливкин, П.Е. Кузнетсов, К.А. Абрамов, В.Ф. Ошанин, И.В. Мушкетов, Г.А. Арандаренко, Д.Н. Логофет, А.А. Семёнов ҳамаҷониба дуруст нишон дода шудааст.

Боби дуюм ба ҳаракатҳои мардумӣ ва ҳаёти фарҳангии Рашт дар замони тоинқилобии минтақа дар асоси адабиёти таърихӣ дар ду зербоб нишон дода шудааст.

Дар зербоби аввал исёнҳои халқӣ, махсус шӯриши Қаландаршоҳ ва Усмон дар асоси таҳқиқоти Шестопалов, М.Э. Эркаев, Ю. Николаев, Я. Шарапов, Б.И. Искандаров, О. Маҷлисов, Ҳ. Пирумшоев ва дигарон оварда шуда, андешаҳои шахсии муаллиф назаррас мебошад.

Дар зербоби дуюм, ки ба масъалаи инъикоси ҳаёти фарҳангии минтақа дар таҳқиқотҳои таърихӣ бахшида шудааст, муаллиф дар такя ба маводу маълумоти академик А.А. Семёнов, Н. Кисляков, А. Шишов, Д.Н. Логофет, М. Амирбеков ва чанд олими тоҷик доир ба масъалаҳои этнографӣ: урфу одат, сару либос, фаслҳои сол, шаклҳои либосҳои маҳаллӣ, доираҳои адабию фарҳангии Рашт ва ғ... ибрози андеша кардааст.

Инъикоси боби сеюми диссертатсия бо се зербоб дар бораи таърихнигории водии Рашт дар замони шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ фарогири масъалаҳои вазъи иҷтимоӣ, иқтисодии вилояти Ғарм дар солҳои 20-80-уми асри XX, таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи Рашт дар замони Истиқлол, таърихнигории рушди фарҳанги Рашти давраи Шуравӣ ва замони истиқлол буда, он низ дуруст нишон дода шудааст.

Дар хулоса омӯзиши илмии таърихи Рашт дар се давра: давраи тоинқилобӣ, давраи Шуравӣ ва давраи истиқлолият нишон дода шуда, ҳар бобу зербоб як навъ ҷамъбаст гаштааст. Натиҷаҳои асосии илмии

диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ аз нигоҳи илмӣ дуруст омода гаштаанд.

Автореферат ба забони русӣ низ илман дуруст тарҷума ва ҷобаҷо гаштааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадриддин барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар мавзуйи: “Таърихнигории таърихи водии Рашт” (давраи нав, навтарин ва муосир) инъикосгари диссертатсияи номзадиаш буда, ба тамоми меъёрҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва археологияи**
**факултети таърихи ДМТ** Асоев Сабзаалӣ Убайдович
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе.
ДМТ. Тел: (+992) 938006296, E-mail: aso-zoda@mail.ru

Имзои Асоев С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: (+992-37) 227-15-10. Почтаи электронӣ: info@tnu.tj

30.08.2025